**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

**аз 1 октябри соли 2024 № 521**

**ш. Душанбе**

Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029

Мутобиқи моддаҳои 4 ва 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон **қ а р о р м е к у н а д**:

1. Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 ва Нақшаи амали солҳои 2025-2027 Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали онро таъмин карда, аз натиҷааш ҳар сол то 15 феврал ба Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

3. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафти иҷрои Барномаи мазкур ва Нақшаи амали он ҳар сол то 1 март ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**ҚАРОР**
**Правительство Республики Таджикистан**
**ПОСТАНОВЛЕНИЕ**

**от 1 октября 2024 года № 521**

**г. Душанбе**

О Программе развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в Республике Таджикистан на 2025-2029 годы

В соответствии со статьями 4 и 12 Закона Республики Таджикистан «О стратегическом планировании и государственном прогнозировании» Правительство Республики Таджикистан **п о с т а н о в л я е т**:

1. Утвердить Программу развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в Республике Таджикистан на 2025-2029 годы и План действий 2025-2027 годов Программы развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в Республике Таджикистан на 2025-2029 годы (приложения 1 и 2).

2. Соответствующим министерствам и ведомствам, исполнительным органам государственной власти Горно-Бадахшанской автономной области, областей, города Душанбе, городов и районов обеспечить выполнение настоящей Программы и её Плана действий и о результатах ежегодно до 15 февраля представлять информацию в Министерство сельского хозяйства Республики Таджикистан.

3. Министерству сельского хозяйства Республики Таджикистан ежегодно до 1 марта представлять информацию о ходе выполнении настоящей Программы и её Плана действий в Правительство Республики Таджикистан.

Председатель
Правительства Республики
Таджикистан — Эмомали Рахмон

РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 октябри соли 2024, №521

Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029 (минбаъд – Барнома) бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарварӣ, ситруспарварӣ, таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, корхонаҳои коркард бо ашёи хом, рушди содиротии мамлакат, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолӣ аз маҳсулоти воридотӣ таҳия гардидааст.

2. Барнома таҳлили вазъи ҷорию мушкилоти асосӣ, ҳадафҳо, вазифаҳо ва роҳҳои рушди соҳаи боғу токпарварию ситруспарвариро дар давраи солҳои 2025-2029-ум ба роҳ монда, роҳу усулҳои таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, таъсис додани ҷойҳои корин нав, татбиқи «иқтисоди сабз», сабзазоркунӣ, ҳалли мушкилоти экологӣ, пешгирии гармшавии иқлим, таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ ва кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳавои атмосфераро муайян менамояд.

## 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҶОРӢ ВА МУШКИЛОТИ АСОСӢ

3. Бо мақсади рушди соҳаи боғу токпарварӣ 3 маротиба барномаҳо, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 апрели соли 2007, №194 «Дар бораи Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғу токпарварӣ, тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли меваю ангур ва парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2010», фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2009, №683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2014» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» қабул карда шуданд.

4. Дар ҷумҳурӣ бо амалишавии барномаҳои рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар даҳсолаи дуюми соҳибистиқлолии кишвар майдони боғу токзор 57193 гектар, аз ҷумла майдони боғ 54606 гектар ва токзор 2587 гектар зиёд гардид. Дар баробари зиёдшавии майдони боғот (соли 2010) дар ҷумҳурӣ истеҳсоли мева 286745 тонна ё 2,2 маротиба ва ангур 176 813 тонна ё 2,4 маротиба зиёд гардид. Дар ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2024 масоҳати боғу токзор ба 206535 гектар (боғҳои интенсивӣ зиёда аз 1000 гектар) расонида шуд, ки аз ин 155503 гектар ё 75,3 дарсади он мевадиҳанда мебошад. Аз ин миқдор 117,7 ҳазор гектар боғ ва 35,7 ҳазор гектар токзори мевадиҳандаро ташкил медиҳад.

5. Мушкилиҳои асосии соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ ин дар давраи нашъунамои боғу токзорҳо инкишофёбӣ ва паҳншавии зараррасонҳо ва касалиҳои гуногун ба ҳисоб меравад. Ҳамасола ба миқдори муайян ҳосили боғу токзорҳо аз ин ҳисоб зарар дида, ҳатто дар баъзе мавридҳо ба нобудшавии дарахтони мевадиҳанда оварда мерасонад.

6. Мушкилии дигари соҳа ҳамасола дигаргуншавӣ ва тағйирёбии иқлим ба назар мерасад, ки бинобар сабаби дар мавсими гулкунии дарахтон фаромадани сардиҳо, кам гардидани боришот ва баъзан гармиҳои пешгӯйинашаванда дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳосилнокии дарахтони мевадиҳанда таъсири манфии худро расонида истодааст.

7. Ҳамзамон мушкилии дигари соҳа ин маблағталаб будани бунёди боғҳои муосири суперинтенсивӣ ва интенсивӣ бо истифода аз низоми обёрии қатрагӣ мебошад. Дар робита ба ин зарур аст, ки дар доираи лоиҳаҳои сармоягузорӣ маблағҳои зарурии хориҷӣ ҷалб гардида, майдони боғҳои муосири замонавӣ ва интенсивӣ дар ҷумҳурӣ зиёд карда шавад.

8. Мустаҳкам набудани заминаи моддию техникии хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ ва ба миқдори зарурӣ мавҷуд набудани ниҳолҳо барои бунёди боғҳои суперинтенсивӣ ва интенсивӣ, инчунин риоя нагардидани талабот оид ба карантини ниҳол ва истифода нагардидани таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар парвариши ниҳол мушкилиҳои дигари соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ мебошад.

## 3. АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

9. Иқлими мусоиди минтақаҳои ҷумҳурӣ барои бунёд ва барқарорсозии майдонҳои боғу токзорҳои ҳосилнокиашон баланд аз ҳисоби ниҳолҳои сертификатсияшудаи навъҳои серҳосил имконият дода, майдони талу теппаҳои бо намнокӣ таъмин ҳамасола зиёд гардад, ки он ба таъмини пурраи талаботи аҳолӣ, корхонаҳои коркард бо ашёи хом мусоидат намуда, инчунин як қисми он ба содирот равона карда шавад.

10. Талаботи замон водор менамояд, ки усулҳои нави боғдории ҳозиразамон, яъне бунёди боғҳои суперинтенсивӣ ва интенсивӣ аз ҳисоби ниҳолҳои сертификатсияшудаи навъҳои дарахтони мевадиҳандаи минтақабобу серҳосил ва ба тағйирёбии иқлим устувор ва ҷавобгӯ ба талаботи бозорҳои содиротии навъҳои дарахтони серҳосили беҳтаргардонӣ аз худ карда шаванд.

11. Таваҷҷуҳи бештар ба сиёсати сохтмони ирригатсионӣ оид ба истифодабарии маблағгузориҳои афзалиятнок ва бакордарории заминҳои дар оянда обёришаванда, ки барои соҳаҳои сердаромад пешбинӣ гардидаанд, пеш аз ҳама, ба рушди боғу токпарварӣ дода мешавад.

12. Дар айни замон, дар ҷумҳурӣ олимону мутахассисони соҳаи кишоварзӣ кӯшиш бар он доранд, ки дастовардҳои илмро дар соҳаи боғу токпарварӣ бо истифода аз технологияҳои нави пешрафта бо роҳи бунёди боғҳои суперинтенсивӣ ва интенсивии пурмаҳсул амалӣ намоянд.

13. Афзалияти боғҳои суперинтенсивӣ ва интенсивӣ дар истифодаи навъҳои ниҳолҳои мевадиҳандаи қадкутоҳ бунёд шавад, ки барои гузаронидани корҳои агротехникӣ ва ҷамъоварии ҳосил мувофиқ мебошад ва хароҷотро барои ҷамъоварии ҳосил паст намуда, сифати меваи онҳо нисбатан беҳтар аст. Дар масоҳати як гектар чунин намуди боғҳо аз 1,5 то 3,5 ҳазор бех ниҳол ҷойгир карда мешавад. Ҳосилнокӣ аз ҳар як гектар 300-700 сентнериро ташкил медиҳад, ки ҳосили онҳо 8-10 маротиба нисбат ба боғҳои анъанавӣ дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда баланд буда, истифодаи усули обёрии қатрагӣ имконият медиҳад, ки оби полизӣ сарфакорона истифода шавад.

14. Истифодаи оқилона ва самараноки нуриҳои минералию органикӣ ва заҳрхимикатҳо вобаста ба меъёрҳои тавсияшуда барои гирифтани ҳосили баланд ва ба талаботи стандартӣ ҷавобгӯ хеле муҳим мебошад.

15. Таъмини ичрои Барнома тақозо менамояд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон мувофиқи нишондиҳандаҳои ин Барнома ниҳолхона ташкил карда, парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ангурро бо истифода аз тагпайвандҳои аз тухмӣ сабзонидашаванда (хасак), тагпайвандҳои нашвӣ, тагпайвандҳои мобайнӣ ва қаламчаҳо ба роҳ монда, барои дар давоми 5 соли оянда таъмин намудани хоҷагиҳо бо ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю ангур, бунёди боғу токзори нав дар заминҳои талу теппаҳои бо намӣ таъмин, азнавбарқароркунии боғу токзорҳои кӯҳна, бунёди боғҳои суперинтенсивӣ, интенсивӣ ва рушд додани соҳаи ситруспарварӣ саҳми худро гузоранд.

16. Рушди минбаъдаи боғу токпарварӣ дар асоси истифодаи ниҳолҳои стандартии ба талабот ҷавобгӯ имконият медиҳад, ки он на танҳо ба қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ, корхонаҳои коркарди ҷумҳурӣ бо меваю ангур равона гардад, балки ба як соҳаи пуриқтидори кишоварзӣ табдил дода шуда, бо маҳсулоти аълосифат дар бозори беруна роҳ ёфта, ҷиҳати суръатбахшии ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ҳиссаи калони худро гузоранд.

17. Ташкили кластери муносибатҳои байнихоҷагӣ ва байнисоҳавӣ шароити мусоид барои истифодабарии самараноки захираҳоро фароҳам оварда, ба рақобатпазирии маҳсулоти истеҳсолшуда асос мегузорад ва рушди босуботи минтақаҳои мамлакатро таъмин менамояд. Бинобар ин, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки ҷиҳати дар истеҳсолот ҷорӣ намудани дастовардҳои илм ва таҷрибаи пешқадам ва аз худ кардани заминҳои нав, зиёд намудани майдони ниҳолхонаҳо, бо истифода аз технологияи суперинтенсивӣ ва интенсивӣ ба даст овардани ҳосилнокии баланди мева аз ҳар як гектар на кам аз 300-700 сентнерӣ ва ҳосили ангур на кам аз 400-500 сентнерӣ таъмин намоянд.

18. Ҷиҳати амалӣ гардонидани нишондодҳои Барнома барои гузаронидани тадбирҳои зерин, зиёд намудани масоҳати боғу токзор бо дарназардошти ҷойгиршавии навъҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ аз ҳисоби заминҳои талу теппаҳои бо намӣ таъмин, партов, аз гардиши кишоварзӣ берунмонда, корами лалмӣ, чарогоҳ, алафзор ва ғайрикишоварзии минтақаҳои бо намнокӣ таъминбуда эътибори ҷиддӣ доданро тақозо менамояд.

19. Барои парвариши растаниҳои ситрусӣ (лимупарварӣ) вобаста ба шароити хоку иқлими минтақаҳои ҷумҳурӣ, сохти нави гармхонаҳои рӯйизаминӣ ва хандақу нимхандақи замонавӣ тавсия дода шуда, ҷиҳати дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ намудани он тадбирҳои судманд андешида мешавад.

20. Дар шароити камзаминии минтақа парвариши меваҳои ситрусӣ, ки дорои нишондиҳандаи аз ҳама баланди боздеҳи замин буда, дар баробари ин, нишондиҳандаи пасттарини заминғунҷоиш доранд, нақши махсус касб мекунад. Масалан, бо усули зироати хандақӣ заминғунҷоиш ҳамагӣ ба 0,02 га, аз рӯйи усули зироати рӯйизаминӣ бошад – 0,013 га аст, дар ҳоле ки барои пахтаи миёнанах ин нишондиҳанда ба 0,48 га, барои маҳиннах – 0,31 га, барои боғпарварии тухмакдори интенсивӣ – 0,1 га, субтропикӣ 0,14 га ва ғайраҳо баробар аст. Ин маълумот аз захираҳои азими рушди ситруспарварӣ ба туфайли серталабии пасти ин соҳа ба захираҳои замин гувоҳӣ медиҳанд.

21. Дар давраи нашъунамои боғу токзорҳо барои инкишофёбӣ ва паҳншавии зараррасонҳо ва касалиҳои хоҷагии кишоварзӣ шароити мусоид пайдо мешавад. Дар натиҷа ҳар сол ба миқдори муайяни ҳосили боғу токзорҳо зарар оварда, дар баъзе мавридҳо ба нобудшавии дарахтони мевадиҳанда оварда мерасонад. Ҳифз намудани боғу токзор, ниҳолхонаҳо, боғҳои модарӣ аз касалию зараррасонҳо яке аз қисми асосии Барнома мебошад. Бинобар ин, барои пешгирии паҳншавӣ ва мубориза бар зидди касалию зараррасонҳои боғу ток тавсия ва пешниҳодҳои илман асоснок зарур аст.

22. Сабабҳои асосии ҳаматарафа паҳншавӣ ва зараровари касалию зараррасонҳо дар боғу токзор дар сатҳи паст гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, вазъи ногувори молиявии хоҷагиҳо, мавҷуд набудани таҷҳизоти техникии дорупошӣ, гаронии нархи сӯзишворӣ ва заҳрхимикатҳо бошад, аз тарафи дигар, дониши зарурии тахассусӣ

надоштани роҳбарони хоҷагиҳо оид ба усулҳои муосири агротехникаи муҳофизати растаниҳо мебошад.

23. Рушди минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ, зиёд намудани майдони заминҳои талу теппаҳои бо намнокӣ таъмин ва дар ин асос афзун намудани шумораи дарахтони мевадиҳанда ва мустаҳкам намудани заминаи моддию техникиро талаб менамояд.

24. Рушди боғу токпарварии лалмӣ баландшавии меҳнатталабиро нисбат ба истеҳсоли ғалла 5-6 маротиба, нисбат ба чорводорӣ бошад беш аз 2 маротиба таъмин хоҳад кард. Даромаднокии ҳар гектари боғу токзор аз рӯйи маҳсулоти фурӯхташуда нисбат ба истеҳсоли гӯшт 11-15 маротиба (истеҳсоли мавиз) ва нисбат ба истеҳсоли шир 8-11 маротиба зиёд мегардад.

25. Дар давраи амалигардонии Барнома вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо ва кишоварзиро зарур аст, ки ҷиҳати хариди ниҳолҳои навъҳои нави серҳосил, тагпайвандҳои нашвии қадпаст (интенсивӣ) ва тагпайвандҳои мобайнӣ мусоидат намоянд.

26. Тайёр намудани замин (ҳамворкунӣ, шудгор дар чуқурии 50-80 см) барои бунёди боғу токзор, тоза намудани заҳкашу заҳбурҳо, таъмини нуриҳои минералию органикӣ, заҳрхимикатҳо, кашонидани меваю ангур ва ғайра техникаи пуриқтидорро талаб менамояд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои коркарди қитъаи начандон калон ба техникаи хурди камхарҷ эҳтиёҷ доранд.

27. Дар айни замон аксар хоҷагиҳои боғу токпарварӣ дар вазъи ноговори молиявӣ қарор дошта, қудрати харидорӣ намудани техникаи кишоварзии ҳозиразамонро надоранд ва яке аз роҳҳои дастрас гардидани техника ва мошинолотҳои кишоварзӣ ба хоҷагиҳо ин таъмини техника ба таври иҷораи молиявӣ (лизингӣ) мебошад. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои соҳавиро зарур аст, ки оид ба додани қарзҳои дарозмуҳлати имтиёзнок барои бунёди боғу токзорҳои ҳозиразамон бо мӯҳлати на кам аз 5 сол чораҳои зарурӣ андешанд.

28. Ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда вобаста ба шароити иқлимии минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси тавсияҳои олимон ва мутахассисони соҳа тибқи замимаи 1 амалӣ карда мешавад.

29. Бунёди боғу токзори нав дар заминҳои талу теппаҳои бо намнокӣ таъмин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, азнавбаркароркунии боғу токзорҳои кӯҳна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаи ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи нақша дар асоси замимаҳои 2, 3 ва 4 амалӣ карда мешаванд.

30. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муттаҳидгардонии хоҷагиҳои деҳқонӣ (барои парвариши як навъи ниҳолҳои мевааш ба содиротнигаронидашуда) бо мақсади рушди соҳа, таъмини корхонаҳои коркард бо ашёи хом, афзун намудани имконияти содиротии кишвар, пешгирии касалию зараррасонҳои боғу токзор, инчунин харидорӣ намудани таҷҳизоти техникӣ ва маводди молиданию сӯзишворӣ ва ниҳолҳои хушсифат бояд чораҳои мушаххас андешад.

## 4. ҲАДАФ ВА ВАЗИФАҲОИ БАРНОМА

31. Ҳадаф ва вазифаҳои асосии Барнома аз идома додани рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, корхонаҳои коркард бо ашёи хом, рушди содиротии мамлакат, коҳиш додани вобастагии бозори истеъмолӣ аз молҳои воридотӣ, таъсис додани ҷойҳои кории нав, татбиқи «иқтисоди сабз», сабзазоркунӣ, ҳалли мушкилоти экологӣ, пешгирии гармшавии иқлим, таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ ва кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳавои атмосфера иборат мебошад.

32. Барои иҷрои ҳадафҳои Барнома гузаронидани чорабиниҳои зерин ба нақша гирифта шудааст:

- дар асоси ниҳолҳои навъҳои серҳосилу хушсифат, тагпайвандҳои нашвӣ ва қаламчаи ниҳоли дарахтон бунёд намудани боғҳои серҳосили ба содирот нигаронидашуда ва дар маҷмӯъ зиёд кардани истеҳсоли ҳосили меваю ангури рақобатпазир ва ба содирот нигаронидашуда;
- дар боғҳое, ки қобилияти ҳосилнокиашон коҳиш ёфтааст, инчунин дар заминҳои талу теппаҳои бо намӣ таъмин, бунёд намудани боғҳои замонавӣ, аз ҷумла суперинтенсивӣ, интенсивӣ ва зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои ситруспарварӣ бо истифода аз технологияҳои нави пешрафта;
- зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои рӯйизаминӣ ва хандақу нимхандақи замонавӣ барои ба роҳ мондани ситруспарварӣ;
- рушди соҳаи боғу токпарварии серҳосил дар ҷумҳурӣ;
- рушди соҳаи ситруспарварӣ дар ҷумҳурӣ;
- ташкил ва истифодаи барсохтори анборҳо ва сардхонаҳо барои нигоҳдории ашёи хом, зиёд намудани муҳлати нигоҳдорӣ, нигоҳ доштани сифат ва бозоргирии маҳсулот;
- бунёди сардхонаҳо барои хоҷагиҳои ниҳолпарварӣ ҷиҳати васеъ ба роҳ мондани пайвандкунии ниҳол, зиёд намудани истеҳсоли қаламча ва ниҳолҳои пайвандӣ ва нигоҳдории дурусти онҳо;
- ҷалби маблағҳои буҷетҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ, инчунин ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ.

## 5. ДАВРАҲОИ АМАЛИГАРДОНӢ ВА САРЧАШМАҲОИ МОЛИЯВИИ БАРНОМА

33. Амалисозии Барнома марҳила ба марҳила бо ҷудо намудани се давраи асосии зерин анҷом хоҳад ёфт:

- давраи 1- солҳои 2025-2027;
- давраи 2-соли 2028;
- давраи 3-соли 2029.

34. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби ҷалби маблағҳои сармояҳои хориҷӣ, ҳиссаи маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

маблағҳои бахши хусусӣ ва сарчашмаҳои маблағгузории дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, пешбинӣ шудааст.

35. Хароҷоти молиявӣ барои амалигардонии Барнома 691034,0 ҳазор сомонӣ, аз ҷумла дар марҳилаи якум дар солҳои 2025-2027 бо маблағи умумии 375444,0 ҳазор сомонӣ, дар марҳилаи дуюм дар соли 2028 бо маблағи умумии 157795,0 ҳазор сомонӣ ва дар марҳилаи сеюм дар соли 2029 бо маблағи умумии 157 795,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

## 6. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ БАРНОМА

36. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Барнома аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронда мешавад. Мақсади асосии мониторинг ва арзёбӣ баланд бардоштани самарабахшии амалисозии Барнома ва беҳтар намудани фаъолият дар самти ноил шудан ба ҳадафҳо мебошад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

37. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои вобаста ба иҷрои Барномаро ташкил, ҳамоҳангсозӣ, арзёбӣ ва назорат намуда, бо тартиби муқаррааргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардоштани вазъи иҷтимоию иқтисодии ҷорӣ пешниҳод манзур мекунад, инчунин назорати истифодаи мақсадноки маблағҳоро таъмин менамояд.

Замимаи 1
ба Барномаи рушди
соҳаи боғу токпарварӣ
ва ситруспарварӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2025-2029

## Тавсияи
олимон ва мутахассисони соҳа ҷиҳати ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда вобаста ба шароити иқлимии минтақаҳои ҷумҳурӣ барои солҳои 2025-2029

| **Номгӯйи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **Намудҳои минтақабоби ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаи асосӣ (саноатӣ)** |
|---|---|
| **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон** | **Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**<br>**Тухмакдорон: Себ:**<br>навъҳои тобистона- «Шоҳисеб», «Шоҳҳусайнӣ», «Рангинкамон» (Боровинка ташкентская)<br>навъҳои тирамоҳӣ - «Маликӣ», «Зардсеби тирамоҳӣ», «Тирамоҳии сурх», «Рахшон» (Пармен зимний золотой), «Барҷаста» (Апорт Александр), «Зарринтоб» (Голден делишес), «Ангубин» (Голден Грайма), «Ситораи кӯҳистон» (Стар кримсон)<br>навъҳои зимистона – «Холдор» (Ҷонатан), «Беназир» (Ренет Симиренко), «Хубонӣ» (Делишес), «Зимистона» (Корей)<br>**Нок:**<br>навъҳои тобистона– «Моҳлиқо» (Любимица Клаппа)<br>навъҳои тирамоҳӣ- «Дилрабо», «Нозанин» (Лесная красавица)<br>навъҳои зимистона- «Ноки ғармӣ», «Ношпотӣ» ва «Сабзина» (Кюре)<br>**Донакдорон: Зардолу:**<br>«Хурмоӣ», «Мирсанҷалӣ», «Субҳонӣ»<br>**Шафтолу**:<br>«Лола», «Сунбула»<br>**Гелос**:<br>«Зардтоб» (Дрогана желтая), «Шаҳло» (Черная дайбера), «Сурхчатоби маҳаллӣ» (ноҳияи Дарвоз)<br>**Олу**:<br>«Сеҳранг» (Венгерка Ажанская), «Гурдаолу» (Анна шпет) |

| | |
|---|---|
| | **Дураган олую олуча:**<br>«Султонӣ» (Куксултон), «Дилоро» (Южная красавица), «Ҷигарӣ» (Малиновая), «Шараф» (Победа)<br>**Олуболу**:<br>«Ҷойдорӣ», «Мумтоз» (Подбельская), «Фарид» (Шпанка черная)<br>**Чормағзиҳо: чормағз:**<br>«Вистон», «Навъҳои маҳаллӣ» (ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ)<br>**Бодом:**<br>«Пистабодом», «Гулбодом», «Миёнарас» (Дрейк), (Ҳимелӣ) (Нонпарел) (ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ)<br>**Субтропикӣ: анор:**<br>«Мулоимдона» (Десертный), «Сурханор», (ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ).<br>**Анҷир:**<br>«Навъҳои маҳаллӣ», «Вахш» (ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ)<br>**Ситрусӣ: лиму:**<br>«Вахш» (Мейер), «Дӯстӣ» (Диоскурия)<br>**Хуч:**<br>«Гулбутта» (ноҳияҳои Дарвоз, Ванҷ) |
| **Вилояти Хатлон** | **Вилояти Хатлон**<br>**Тухмакдорон: себ:**<br>навъҳои тобистона- «Шоҳисеб», «Шоҳҳусайнӣ», «Сафедсеб», «Ҳосилдор», «Нахустмеваи Самарқанд» (Первенец Самарканда), «Рангинкамон» (Боровинка ташкентская), «Нордон» (Графенштейнская красная),<br>навъҳои тирамоҳӣ – «Ангубин» (Голден грайма), «Зарринтоб» (Голден делишес), «Хубонӣ» (Делишес), «Холдор» (Ҷонатан),<br>навъҳои зимистона – «Беназир» (Ренет Симиренко), «Шабнами кухсор» (Розмарин белый)<br>**Нок**:<br>навъҳои тобистона – «Моҳлиқо» (Любимица Клаппа), «Пешпазак» (Раняя из Треву);<br>навъҳои тирамоҳӣ – «Дилрабо», «Нозанин» (Лесная красавица)<br>**Биҳӣ:**<br>«Фаровон» (Изобилная), «Калонмева» (Крупноплодная Самаркандская)<br>**Донакдорон: зардолу:**<br>«Хурмоӣ», «Мирсанҷалӣ», «Субҳонӣ», «Исфарак», «Ленинободӣ» |
| | **Шафтолу:**<br>навъҳои барвақтӣ - «Лола», «Сунбулӣ», «Нозук» (Камберленд), «Пешпазак» (Александр ранный); навъҳои миёнапаз – «Гулдор», «Фарҳод», «Зарнигор», «Анҷири сурх» (Инжирный красный), «Қирмизӣ» (Малиновый), «Серҳосил» (Обильный); дерпаз – «Анбарин» (Элберта), «Равғани гов»<br>**Гелос:**<br>«Баҳор», «Маҳаллии зард», «Шаҳло» (Дайбера черная), «Зардтоб» (Дрогана желтая), «Сиёҳпӯст» (Негритянка), «Гулобӣ» (Наполеон розовий) (минтақаи Кӯлоб)<br>**Олу**:<br>«Шараф» (Победа), «Қатраборон» (Венгерка италянская), «Сеҳрранг» (Венгерка Ажанская) ва «Гурдаолу» (Анна шпет)<br>**Дураган олую олуча:**<br>«Султонӣ» (Куксултон), «Ҷигарӣ» (Малиновая), «Дилоро» (Южная красавица), «Шараф» (Победа)<br>**Олуболу**:<br>«Ховалингӣ», «Пакана» (Любкая-15), «Мумтоз» (Подбелская), «Фарид» (Шпанка черная) (минтақаи Кӯлоб)<br>**Чормағзиҳо: чормағз:**<br>«Вистон», «Навъҳои маҳаллӣ»<br>**Писта**:<br>«Серравған» (Албина), «Орзӯ», «Ақиқа» (Горная жемчужина), «Данғара» (Октябрский), «Сабоҳ»<br>**Бодом:**<br>«Гулбодом», «Пистабодом», «Ҳимелӣ» (Нонпарел), «Миёнарас» (Дрейк)<br>**Субтропикӣ: анор**:<br>«Турушмазза», «Шириндона», «Сурханор», «Мулоимдона» (Десертный)<br>**Анҷир:**<br>«Вахш», «Сабзак» (Кадота), «Сабзинарӯ (Грин-Искаял)»<br>**Хурмо:**<br>Дар мавриди обёрӣ – «Вахш», «Шакарин» (Зенҷӣ Мару), «Бохтар» (Хиакумӣ), «Кулчарӯй» (Гошогакӣ)<br>**Унабӣ:**<br>Дар заминҳои лалмӣ – «Вахш», «Ҳисории дерпаз», «Калонмева» (Та-Ян-Сзао), «Хурмоӣ» (Финик)<br>**Ситрусӣ: лиму:**<br>«Вахш» (Мейер), «Хатлон» (Вила Франка) |

| | |
|---|---|
| | **Ангур:**<br>«Ҳисории барвақтӣ», «Миёна», «Нимранг», «Зариф», «Кишмиши сиёҳ», «Кишмиши сафед», «Чилагӣ», «Тойфии гулобӣ» |
| **Вилояти Суғд** | **Вилояти Суғд**<br>**Донакдорон: зардолу:**<br>«Аҳрорӣ», «Хурмоӣ», «Бобоии калонмева», «Хуҷандӣ» (шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Зафаробод, Хуҷанд ва Спитамен), «Қандак», «Мирсанҷалӣ», «Нишонӣ» (ш. Конибодом), «Мирсанҷалӣ», «Рухи ҷонон», «Субҳонӣ», «Серҳосил» (шаҳру ноҳияҳои Исфара, Ашт ва Айнӣ)<br>**Шафтолу:**<br>«Гулдор», «Анҷири сурх» (Инжирный красный), «Нозук» (Камберленд) (ба ғайр аз Кӯҳистони Мастчоҳ), «Лола», «Қирмизӣ» (Малиновая), «Серҳосил» (Обильный), «Равғани гов» (дар водиҳо), «Сунбулӣ», «Фарҳод», «Анбарин» (Эльберта)<br>**Олу:**<br>«Гурдаолу» (Анна-шпет), «Сеҳрранг» (Венгерка ажанская), «Қатраборон» (Венгерка италянская), «Нилуфар» (Венгерка фиолетовая) (дар водиҳо)<br>**Олуча ва дурагаҳои олую олуча:**<br>«Султонӣ» (Куксултон), «Ҷигарӣ» (Малиновая), «Дилоро» (Южная красавица)<br>**Гелос:**<br>«Шаҳло» (Дайбера черная) (ба ғайр аз ноҳияҳои Истаравшан, Ғончӣ, Панҷакент, ва Айнӣ), «Зардтоб» (Дрогана желтая), «Сиёҳпӯст» (дар водиҳо)<br>**Олуболу:**<br>«Пакана» (Любская 15), «Мумтоз» (Подбелская), «Фарид» (Шпанка черная)<br>**Тухмакдорон: себ:**<br>«Барҷаста» (Апорт Александр), «Рангинкамон» (Боровинка ташкентская), «Нордон» (Графенштейкое красное), «Зарринтоб» (Голден делишес), «Холдор» (Ҷонатан), «Хубонӣ» (Делишес), «Ангубин» (Голден Грайма), «Нахустмеваи Самарқанд» (Первенец Самарканда) (шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Конибодом ва ноҳияҳои Зафаробод, Мастчоҳ, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, Ҷабор Расулов ва Ашт), «Рахшон» (Пармен зимний золотой), «Беназир» (Ренет Симиренко), «Шабнами куҳсор» (Розмарин |

| | |
|---|---|
| | белый) (шаҳри Панҷакент ва ноҳияҳои Деваштич ва Айнӣ)<br>**Нок:**<br>«Зарандуд» (Бере Бокс), «Парасту» (Ласточка) (ба ғайр аз шаҳрҳои Панҷакент, Истаравшан ва ноҳияҳои Деваштич, Айнӣ), «Дилрабо», «Дилафрӯз», «Сабзина» (Кюре), «Моҳлиқо» (Любимитса Клаппа), «Нозанин» (Лесная красавитса), «Пешпазак» (Раняя из Треву)<br>**Биҳӣ:**<br>«Изобильная» (Фаровон), «Калонмева» (Самаркандская крупноплодная), «Туруш» (Туруш Бухарская)<br>**Субтропикӣ: анор:**<br>«Мулоимдона» (Десертный), «Шириндона», «Сурханор»<br>**Анҷир:**<br>«Вахшский», «Сабзак» (Кадота), «Сабзинарӯ (Грин-Иская)»<br>**Хурмо:**<br>Дар мавриди обёрӣ – «Вахш», «Шакарин» (Зенҷӣ Мару), «Бохтар» (Хиакумӣ), «Кулчарӯй» (Гошогакӣ)<br>**Унабӣ:**<br>Дар заминҳои лалмӣ – «Вахш», «Ҳисории дерпаз», «Калонмева» (Та-Ян-Сзао), «Хурмоӣ» (Финик)<br>**Чормағзиҳо: чормағз:**<br>«Вистон», «Навъҳои маҳаллӣ»<br>**Бодом:**<br>«Қоғатӣ» (Десертный), «Мулоимпӯчоқ» (Ялтинский), «Миёнарас» (Дрейк)<br>**Ситрусӣ: лиму:**<br>«Вахш» (Мейер), «Тоҷикистон» (Греческий), «Дӯстӣ» (Диоскурия)<br>**Ангур:**<br>«Чиллагӣ», «Сафо», «Ҳисории барвақтӣ», «Нимранг», «Зариф», «Ҳусайнии сиёҳ», «Ҳусайнии сафед», «Султонӣ», «Анзоб», «Ғалаба» (Победа), «Тойфии гулобӣ», «Нимранг», навъҳои кишмишӣ; - «Кишмиши сиёҳ», «Кишмиши сафед» |

| | |
|---|---|
| **Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ** | **Водии Ҳисор:**<br>**Тухмакдорон: себ**:<br>«Барҷаста» (Апорт Александр), «Рангинкамон» (Боровинка ташкентская), «Нордон» (Графенштейкое красное), «Зарринтоб» (Голден делишес), «Холдор» (Ҷонатан), «Хубонӣ» (Делишес), «Ангубин» (Голден Грайма), «Нахустмеваи Самарқанд» (Первенец Самарканда)<br>**Нок:**<br>навъҳои тобистона: «Моҳлиқо» (Любимица Клаппа), «Пешпазак» (Ранняя из Треву)<br>навъҳои тобистонаю тирамоҳӣ – «Нозанин» (Лесная красавица) ва дар мавриди обёрӣ – «Шакарин» (Бере Лигеля), «Зарандуд» (Бере Боск) ҳамчун навъҳои ояндадор «Туёна» ва «Дилрабо»<br>навъҳои зимистона – «Сабзина» (Кюре), «Марҳабо» (Оливе де серр) (барои қисматҳои водигӣ), «Лазиз» (Жозефина Михелская) ва барои қисмати кӯҳӣ – «Ноки гармӣ», ҳамчун ояндадор – «Ношпотии зимистона» ва «Ношпотии сурх»<br>**Биҳӣ:**<br>«Фаровон» (Изобилная), «Калонмева» (Крупноплодная Самаркандская)<br>**Донакдорон: зардолу:**<br>Барои қисмати наздикӯҳии минтақа - «Хурмоӣ», «Мирсанҷалӣ», «Субҳонӣ» ва навъҳои ояндадор – «Хуҷандӣ»<br>**Олу:**<br>навъи тезпаз – «Шафтолугин» (Персиковая)<br>навҳои миёнапаз – «Сеҳрранг» (Венгерка Ажанская), «Нилуфар» (Венгерка фиолетовая) навъҳои дерпаз – «Қатраборон» (Венгерка италянская), «Анна шпет» (Гурдаолу)<br>**Дурагаҳои олую олуча**:<br>«Султонӣ» (Куксултон), «Ҷигарӣ» (Малиновая) «Дилоро» (Южная красавица)<br>**Олуболу**:<br>«Подбелская» (Мумтоз), «Шпанка черная» (Фарид), (барои қисмати минтақаи водигӣ), дар мавриди обёрӣ – «Любская – 15» (Пакана)<br>**Гелос**:<br>Ба қисмати водигии минтақа – «Баҳор», «Маҳаллии зард», «Шаҳло» (Дайбера черная) ва «Сиёҳпӯст» (Негритянка) (дар мавриди обёрӣ)<br><br>**Шафтолу:**<br>навҳои миёнапаз: - «Сунбула», «Нозук» |

| | |
|---|---|
| | (Камберденд), «Пешпазак» (Александр ранный) навъҳои миёнапаз: «Лола», «Анҷири сурх» (Инжирный красный), «Қирмизӣ» (Малиновый), «Обыльный» (Серҳосил), «Гулдор», «Равшан» ва «Озода»; навъҳои дерпаз – «Анбарин» (Эл берта), «Фарҳод», «Старт», «Равғани гов»<br>**Хурмо:**<br>Дар мавриди обёрӣ – «Вахш», «Шакарин» (Зенҷӣ Мару), «Бохтар» (Хиакумӣ), «Кулчарӯӣ» (Гошогакӣ)<br>**Унабӣ:**<br>Дар заминҳои лалмӣ – «Вахш», «Ҳисории дерпаз», «Калонмева» (Та-Ян-Сзао), «Хурмоӣ» (Финик)<br>**Бодом:**<br>«Миёнарас» (Дрейк), «Қоғатӣ» (Десертный)<br>**Чормағзиҳо: чормағз:**<br>«Вистон», «Навъҳои маҳаллӣ»<br>**Ангур:**<br>«Чилагӣ», «Сафо», «Ҳисории барвақтӣ», «Зариф», «Ҳусайнии сиёҳ», «Ҳусайнии сафед», «Султонӣ», «Анзоб», «Победа», «Тойфии гулобӣ», «Нимранг», навъҳои кишмишӣ- «Кишмиши сиёҳ», «Кишмиши сафед»<br>**Водии Рашт:**<br>**Тухмакдорон: себ:**<br>Навъҳои тирамоҳӣ- «Зарринтоб» (Голден делишес), «Холдор» (Ҷонатан), «Ангубин» (Голден Грайма), «Рахш» (Пармен зимний золотой), «Барҷаста» (Апорт» Александр), «Ситораи кӯҳсор» (Стар кримсон)<br>навъҳои зимистона– «Беназир» (Ренет Симиренко), «Хубонӣ» (Делишес), «Зимистона» (Корей)<br>навъҳои маҳаллии – «Маликӣ», «Ҳайдарӣ», «Шафеӣ» ва «Тирамоҳии сурх».<br>**Нок:**<br>Навъҳои тирамоҳӣ: «Дилрабо» «Нозанин» (Лесная красавица), зимистона: - «Ноки гармӣ» ва «Сабзина» (Кюре)<br>**Донакдорон: зардолу**:<br>«Хурмоӣ», «Мирсанҷалӣ», «Субҳонӣ» ва «Аҳрорӣ»<br>**Олу:**<br>«Шафтолуӣ» (Персиковая), «Венгерка Ажанская», «Нилуфар», (Венгерка фиолетовая) ва «Анна шпет»<br>**Дурагаи олую олуча**:<br>«Дилоро» (Южная красавица), «Султонӣ» (Куксултон), «Ҷигарӣ» (Малиновая) |

| | |
|---|---|
| | **Олуболу:**<br>«Пакана» (Любская-15), «Фарид» (Шпанка черная)<br>**Гелос:**<br>«Баҳор», «Маҳаллии зард», «Гулобӣ» (Наполеон розовый)<br>**Шафтолу:**<br>«Гулдор», «Сунбулӣ», «Фарҳод», «Равғани гов», «Анҷири сурх» (Инжирный красный), «Қирмизӣ» (Малиновый), «Серҳосил» (Обильный), «Анбарин» (Эл берта) |

Замимаи 2
ба Барномаи рушди соҳаи боғу
токпарварӣ ва ситруспарварӣ
дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2025-2029

## Нақшаи
## бунёди боғу токзори нав дар заминҳои талу теппаҳои таъмин бо намнокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(гектар)

| Номгӯйи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Ҳамагӣ майдони боғу токзор | Аз ҷумла, дар солҳои | | | | | | | | | | Ҳамагӣ дар 5 сол | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | | 2026 | | 2027 | | 2028 | | 2029 | | | |
| | | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток |
| Ҷумҳурӣ | 206535 | 601 | 326 | 532 | 339 | 529 | 1352 | 538 | 377 | 540 | 393 | 2740 | 2787 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 3140 | 22 | | 23 | | 23 | | 23 | | 23 | | 114 | 0 |
| вилояти Суғд | 93304 | 183 | 100 | 121 | 110 | 116 | 115 | 97 | 120 | 87 | 125 | 604 | 570 |
| вилояти Хатлон | 59483 | 200 | 150 | 200 | 150 | 220 | 1160 | 230 | 170 | 240 | 180 | 1090 | 1810 |
| Душанбе | 890 | 20 | 10 | 20 | 10 | 20 | 10 | 20 | 10 | 20 | 10 | 100 | 50 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 49718 | 176 | 66 | 168 | 69 | 150 | 67 | 168 | 77 | 170 | 78 | 832 | 357 |
| Турсунзода | 5501 | 5 | 8 | 7 | 10 | 8 | 10 | 10 | 14 | 12 | 15 | 42 | 57 |
| Ҳисор | 10135 | 25 | 35 | 25 | 35 | 25 | 35 | 25 | 40 | 25 | 40 | 125 | 185 |
| Шаҳринав | 3570 | 25 | 15 | 25 | 15 | 25 | 15 | 25 | 15 | 25 | 15 | 125 | 75 |
| Рӯдакӣ | 3340 | 5 | 4 | 5 | 4 | 5 | 4 | 5 | 4 | 5 | 4 | 25 | 20 |
| Варзоб | 1304 | 5 | 1 | 5 | 1 | 6 | 1 | 7 | 1 | 8 | 1 | 31 | 5 |
| Ваҳдат | 6512 | 17 | 3 | 16 | 4 | 18 | 2 | 18 | 3 | 22 | 3 | 91 | 15 |
| Файзобод | 7692 | 36 | | 33 | | 30 | | 26 | | 20 | | 145 | 0 |
| Нуробод | 1024 | 6 | | 6 | | 6 | | 6 | | 6 | | 30 | 0 |
| Сангвор | 643 | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 25 | 0 |
| Рашт | 5351 | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 25 | 0 |
| Тоҷикобод | 1662 | 18 | | 12 | | 12 | | 10 | | 10 | | 62 | 0 |
| Лахш | 1743 | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 25 | 0 |
| Роғун | 1240 | 19 | | 19 | | | | 21 | | 22 | | 81 | 0 |

Замимаи 3
ба Барномаи рушди
соҳаи боғу токпарварӣ
ва ситруспарварӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2025-2029

## Нақшаи
## аз нав барқароркунии боғу токзорҳои кухна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(гектар)

| Номгӯйи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Аз ҷумла, дар солҳои | | | | | | | | | | Ҳамагӣ дар 5 сол | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2025 | | 2026 | | 2027 | | 2028 | | 2029 | | | |
| | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток | Боғ | Ток |
| Ҷумҳурӣ | 2919 | 417 | 3214 | 522 | 3434 | 666 | 3758 | 867 | 3993 | 995 | 17318 | 3467 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 40 | | 45 | | 50 | | 50 | | 55 | | 240 | 0 |
| вилояти Суғд | 850 | 105 | 950 | 110 | 1000 | 130 | 1150 | 205 | 1200 | 205 | 5150 | 755 |
| вилояти Хатлон | 1206 | 109 | 1306 | 189 | 1409 | 289 | 1490 | 389 | 1565 | 470 | 6976 | 1446 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 823 | 203 | 913 | 223 | 975 | 247 | 1068 | 273 | 1173 | 320 | 4952 | 1266 |
| Турсунзода | 500 | 104 | 550 | 110 | 580 | 115 | 640 | 125 | 700 | 150 | 2970 | 604 |
| Ҳисор | 60 | 55 | 70 | 60 | 75 | 65 | 80 | 70 | 100 | 75 | 385 | 325 |
| Шаҳринав | 50 | 10 | 60 | 10 | 70 | 15 | 75 | 15 | 80 | 20 | 335 | 70 |
| Рӯдакӣ | 55 | 10 | 65 | 15 | 75 | 15 | 85 | 18 | 90 | 25 | 370 | 83 |
| Варзоб | 30 | 8 | 35 | 10 | 35 | 12 | 40 | 15 | 45 | 20 | 185 | 65 |
| Ваҳдат | 20 | 6 | 25 | 8 | 27 | 8 | 30 | 10 | 35 | 10 | 137 | 42 |
| Файзобод | 65 | 10 | 65 | 10 | 70 | 17 | 75 | 20 | 80 | 20 | 355 | 77 |
| Нуробод | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 50 | 0 |
| Сангвор | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 25 | 0 |
| Рашт | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 50 | 0 |
| Тоҷикобод | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 10 | | 50 | 0 |
| Лахш | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 5 | | 25 | 0 |
| Роғун | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 3 | | 15 | 0 |

Замимаи 4
ба Барномаи рушди
соҳаи боғу токпарварӣ
ва ситруспарварӣ дар
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои солҳои 2025-2029

## Нақшаи
## рушди соҳаи ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

(гектар)

| Номгӯйи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ | Соли 2024 дар асл | Аз ҷумла, дар солҳои | | | | | Ҷамъ дар 5 сол |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | |
| Ҷумҳурӣ | 438 | 21,7 | 21,7 | 21,7 | 21,7 | 26,7 | 113,5 |
| Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон | 0,7 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 1,5 |
| вилояти Суғд | 17,1 | 2 | 2 | 2 | 2 | 2 | 10 |
| вилояти Хатлон | 410,3 | 15 | 15 | 15 | 15 | 20 | 80 |
| Шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 9,46 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 4,4 | 22 |
| Турсунзода | 3,89 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 5 |
| Ҳисор | 0,81 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 5 |
| Шаҳринав | 4,61 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 5 |
| Рӯдакӣ | 0,15 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 5 |
| Ваҳдат | | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 1 |
| Варзоб | | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 1 |

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 1 октябри соли 2024, №521

## Нақшаи амал барои солҳои 2025-2027
## Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ ва ситруспарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2029

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Муҳлати иҷро | Ҳаҷми зарурии маблағ-гузорӣ (ҳазор сомонӣ) | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ (ҳазор сомонӣ) | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ | Маблағ-ҳои бахши хусусӣ | Кумаки имконпазири шарикони рушд | |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 8 | 9 | |
| 1 | Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими соҳаи боғу токпарварӣ | Вазоратҳои кишоварзӣ, молия, рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, кумитаҳои бехатарии озуқаворӣ, ҳифзи муҳити зист, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | 2025-2027 | 100 | 0 | 0 | 100 | ЮСАИД. БҶ, СОК СММ. |
| 2 | Андешидани чораҳо оид ба ҷорӣ намудани таҷрибаи минтақабобгардонии ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда вобаста ба шароити агроиқлимӣ | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур | мунтазам | 50 | 0 | 0 | 50 | ИА/GIZ. БҶ, ТОК СММ |
| 3 | Гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ байни кишоварзон оид ба усулҳои парвариши боғҳои суперинтенсивӣ ва интенсивӣ, инчунин бунёди гармхонаҳои рӯиизаминӣ ва хандақу нимхандақи замонавӣ барои ситруспарварӣ, инчунин таҳия ва пахш намудани барномаҳои телевизионӣ | Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва институтҳои зерсохтори он, Кумитаи телевизион ва радио | мунтазам | 150 | 0 | 50 | 100 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ. |
| 4 | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба зиёд намудани ниҳолҳои навъҳои серҳосилу минтақабобшудаи хушсифат бо тагпайвандҳои нашвӣ ва қаламчаи ниҳоли дарахтон | Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи бехатарии озуқаворӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар», Муассисаи давлатии «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 600 | 0 | 100 | 500 | ТОК СММ, БҶ, GIZ, ЮСАИД |
| 5 | Сохтмони анборҳо барои гузаронидани пайвандкунии давраи зимистонаи ниҳолҳо | Вазоратҳои молия ва кишоварзӣ, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва идораи замин ва геодезӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳол-парвар», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 2300 | 500 | 800 | 1000 | ТОК СММ, БҶ,БАРТ, АИМАРБ, ИА/GIZ |
| 6 | Бунёди боғҳо бо усулҳои суперинтенсивӣ ва интенсивӣ ва дар ин замина зиёд намудани | Вазоратҳои молия ва кишоварзӣ, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва | 2025 | 96174 | 3000 | 46587 | 46587 | БҶ, БРСММ, АҲБҶ, |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | майдони боғҳои муосир | идораи амволи давлатӣ ва идораи замин ва геодезӣ, Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2026 | 82380 | 6000 | 38190 | 38190 | КДРИ, АИМАРБ ҶХБ, ИА, БОР, ТОК СММ, GIZ |
| | | | 2027 | 82380 | 6000 | 38190 | 38190 | |
| 7 | Андешидани чораҳои зарурӣ оид ба зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои рӯйизаминӣ ва хандақу нимхандақи замонавӣ барои ситруспарварӣ | Вазоратҳои молия ва кишоварзӣ, кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва идораи замин ва геодезӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025 | 34092 | 1000 | 16546 | 16546 | БҶ, БРСММ, АҲБҶ, КДРИ, АИМАРБ ҶХБ, ИА, БОР, ТОК СММ, GIZ |
| | | | 2026 | 28534 | 2100 | 13217 | 13217 | |
| | | | 2027 | 28814 | 2380 | 13217 | 13217 | |
| 8 | Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи инвеститсионӣ оид ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ ба мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, ва Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | 2025-2027 | 350 | 0 | 100 | 250 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ, |
| 9 | Равона намудани кормандону мутахассисони муассисаҳои соҳавии ҷумҳурӣ ба хориҷи кишвар барои таҷрибаомӯзӣ оид ба технологияи муосири парвариши боғу ток ва коркарди меваю ангур | Вазоратҳои кишоварзӣ, молия, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва Муассисаи давлатии лоиҳаи «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ» | 2025-2027 | 2000 | 0 | 0 | 2000 | БҶ, БРСММ, АҲБҶ, КДРИ, АИМАРБ ҶХБ, ИА, БОР, ТОК СММ., GIZ |
| 10 | Андешидани тадбирҳои зарурӣ оид ба бунёди боғу токзори нав дар заминҳои талу теппаҳои таъмин бо намнокӣ | Вазорати кишоварзӣ, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зист, Агентии хоҷагии ҷангал, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 4000 | 0 | 3000 | 1000 | БҶ, БРСММ, АҲБҶ, КДРИ, АИМАРБ ҶХБ, ИА, БОР, ТОК СММ, GIZ |
| 11 | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати аз нав барқароркунии боғу токзорҳои кӯҳна дар доираи талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзӣ, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 12000 | 0 | 10000 | 2000 | БҶ, БРСММ, АҲБҶ, КДРИ, АИМАРБ ҶХБ, ИА, БОР, ТОК СММ, GIZ |
| 12 | Таҳия ва интишори тавсияномаҳо оид ба усулҳои муосири бунёд ва парвариши дарахтони мевадиҳанда ва ток | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 100 | 0 | 0 | 100 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ, GIZ |
| 13 | Бунёд намудани боғҳои модарӣ ва тагпайвандҳои нашвӣ барои парвариши ниҳолҳои интенсивӣ ва суперинтенсивӣ дар заминаи хоҷагиҳои ниҳолпарварии | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои | 2025-2027 | 1200 | 0 | 200 | 1000 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ, GIZ |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар» | ниҳолпарвар «Тоҷикниҳол-парвар», Муассисаи давлатии лоиҳаи «Рушди соҳибкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | | | | | | |
| 14 | Ба роҳ мондани парвариши ниҳолҳои мевадиҳанда дар зарфҳо (контейнерҳо) дар хоҷагиҳои ниҳолпарварии Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар» | Вазорати кишоварзӣ. н, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар», мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 110 | 10 | 50 | 50 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ, GIZ |
| 15 | Гузаронидани тадқиқотҳои илмию амалӣ оид ба интродуксияи намуд ва навъҳои растаниҳои ситрусӣ дар стансияи зироаткории субтропикии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон | Вазорати кишоварзӣ, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Корхонаи воҳиди давлатии ҷумҳуриявии хоҷагиҳои ниҳолпарвар «Тоҷикниҳолпарвар» ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо | 2025-2027 | 110 | 10 | 30 | 70 | ЮСАИД, БҶ, СОК СММ, GIZ |
| Ҳамагӣ маблағгузорӣ | | | | 375444 | 21000 | 180277 | 174167 | |

Приложение 1
к постановлению Правительства
Республики Таджикистан
от 1 октября 2024 года, №521

## Программа развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в Республике Таджикистан на 2025-2029 годы

### 1. ОБЩИЕ ПОЛОЖЕНИЯ

1. Программа развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в Республике Таджикистан на 2025-2029 годы (далее – Программа) разработана в целях развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства, обеспечения населения продуктами питания, перерабатывающих предприятий сырьем, развития экспорта страны, снижения зависимости потребительского рынка от импортной продукции.

2. Программа проводит анализ текущей ситуации и основных проблем, целей, задач и путей развития отраслей садоводства, виноградарства и цитрусоводства в период 2025-2029 годов и определяет пути и методы обеспечения населения продуктами питания, создания новых рабочих мест, внедрения «зеленой экономики», озеленения, решения экологических проблем, предотвращения потепления климата и деградации сельскохозяйственных угодий, сокращения выбросов парниковых газов в атмосферу.

### 2. АНАЛИЗ ТЕКУЩЕЙ СИТУАЦИИ И ОСНОВНЫХ ПРОБЛЕМ

